# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «08» 01 соли 2025 № 495/д ш. Душанбе**

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсия*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо хоҳиши Ҷумъаев Саидҷаҳфар Сафаралиевич, диссертатсияи номбурда дар мавзуи «Влияние углеродных нанотрубок на изменение теплопроводности и теплоемкости хладагентов при различных температурах и давлениях, включая критическую область» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14 – Физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-041 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акдемик М.С.Осимӣ бекор карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Ҷумъаев Саидҷаҳфар Сафаралиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14 – Физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулзода А.Б.) вазифадор карда шавад, ки дар мухлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Ҷумъаев С. С. аз 07 январи соли 2025.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ